# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-011 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба кори диссертатсионии Раҳматуллоҳзода Файзуллоҳ Раҳматулло «Таҳқиқи масъалаҳои идоракунии сарҳадии таркибӣ барои равандҳое, ки бо муодилаи телеграфӣ бо коэффитсиенти тағйирёбанда тавсиф меёбанд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060103 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ)**

Рисолаи диссертатсионии Раҳматуллоҳзода Ф.Р. ба омӯзиши масъалаҳои идоракунии сарҳадӣ барои равандҳое, ки бо муодилаи телеграфии якченака бо коэффисиенти тағйирёбанда ифода мешаванд, бо функсияҳои сарҳадии таркибӣ – дар як сарҳад ҷойивазкунӣ, дар сарҳади дигар қувваи чандирӣ ва баръакс, бахшида шудааст. Таваҷҷуҳ ба мавҷудият, ягонагӣ ва устувории ҳалли ин масъалаҳои идоракуниҳои сарҳадӣ дар фосилаи минималии вақт равона карда шудааст. Муодилаҳо ва гузориши масъалаҳои монанд барои ифодаи математикии як қатор равандҳои муҳими физикӣ, ки бо паҳншавии мавҷҳои электромагнитӣ дар хатҳои дароз, омӯзиши динамикаи нафт ё газ дар лӯлаҳо, омӯзиши паҳншавии лапиш дар муҳитҳои геологӣ ва ғайра алоқаманданд, ба миён меоянд.

Назарияи масъалаҳои идоракунии сарҳадӣ дар давраҳои гуногун аз ҷониби М.Ф. Абдукаримов, А.А. Андреев, А.Г. Бутковский, Ф.П. Василев, А.Е. Егоров, Л.Н. Знаменская, Е. Зуазуа, В. Илйин, Л.В. Критсков, М.А. Куржанский, С.В. Лексина, Ж.Л. Лионс, Е.И. Моисеев, М.М. Потапов, А.В. Разгулин, В.В. Тихомиров ва дигарон дар гузоришҳои гуногун омӯхта шудааст.

Дар рисолаи диссертатсионии Раҳматуллоҳзода Ф.Р. барои масъалаҳои идоракунии сарҳадии таркибии зикршуда теоремаҳо дар бораи ягонагӣ ва мавҷудият исбот карда шудаанд. Илова бар ин, якқимата ҳалшавандагии ҳамаи масъалаҳои омехтаи мувофиқ барои муодилаи баррасишаванда исбот карда шудааст. Идоракуниҳои сарҳадии оптималии таркибӣ барои равандҳое, ки бо

муодилаи лапишҳои маҷбурии тор тавсиф мешаванд, дар фосилаҳои вақти калон, ки қимати хурдтарин қабул кардани интеграли энергияи сарҳадиро таъмин менамоянд, ба даст оварда шудаанд. Ин муодила ҳолати хусусии муодилаи телеграфӣ дар ҳолати ба сифр баробар будани коэффитсиенти он мебошад.

Ин рисолаи диссертатсионӣ хусусияти назариявӣ дорад. Натиҷаҳои онро метавон барои омӯзиши масъалаҳои шабеҳ дар назарияи масъалаҳои идоракунии сарҳадӣ истифода бурд. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, инчунин метавонанд барои амсиласозии равандҳои гуногуне, ки бо муодилаҳои баррасишуда тавсиф мешаванд, истифода гарданд.

Дар диссертатсия ягон маводди дигар бе истинод ба муаллиф ё манбаъҳо мавҷуд нест. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи муаллиф пешниҳод шудаанд, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилшуда нашр шудаанд.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 узв иборат аст, аз ҷумла 5 доктори илм: М. Илолов, Н. Раҷабов, Ғ. Ҷангибеков, С. Байзоев ва Ф. Шамсудинов мутахассисони соҳаи диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки барои диссертатсияи баррасишаванда таъин карда шаванд:

- **Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- **Муқарризони расмӣ:**
  Шамсудинов Файзулло Мамадуллоевич – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, и.в. профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав;
- Саидов Бахтиёр Бобокалонович – номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Дар асоси гуфтаҳои боло комиссияи экспертӣ ҳисоб мекунад, ки диссертатсияи Раҳматуллоҳзода Ф.Р. «Таҳқиқи масъалаҳои идоракунии сарҳадии таркибӣ барои равандҳое, ки бо муодилаи телеграфӣ бо коэффитсиенти тағйирёбанда тавсиф меёбанд» ба ихтисоси 6D060103 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика ва самти Шурои диссертатсионии 6D.КОА-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад ва онро барои ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физикаю математика, профессор — Сафаров Ҷ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои физикаю математика, дотсент — Мирзоев А.Ҳ.
номзади илмҳои физикаю математика, дотсент — Хуҷаназарова Г.Х.

Имзои Сафаров Ҷ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Н.Хусрав — М.М. Нажмидинов

«30» 06 соли 2026

Имзоҳои Мирзоев А.Ҳ. ва Хуҷаназарова Г.Х.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

«30» 06 соли 2026